# ҚАРОРИ РАИСИ КУМИТАИ ДАВЛАТИИ САРМОЯГУЗОРӢ ВА ИДОРАИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

«11» 07 соли 2019 ш. Душанбе № 226

Дар бораи тасдиқи Қоидаҳои гузаронидани санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор оид ба ҳолати нигоҳдорӣ ва истифодабарии амволи давлатӣ

030.210.000.

Мутобиқи қисми 2 моддаи 8 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи санҷиши фаъолияти субъекҳои хоҷагидор", банди 9 Қоидаҳои намунавии гузаронидани санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор, (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 майи соли 2017, №265), банди 8 Низомномаи Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 декабри соли 2006, №590)

ҚАРОР МЕКУНАМ:

1. Қоидаҳои гузаронидани санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор оид ба ҳолати нигоҳдорӣ ва истифодабарии амволи давлатӣ тасдиқ карда шавад (замима мегардад).

2. Қарори мазкур ба Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои бақайдгирии давлатӣ пешниҳод гардида, пас аз бақайдгирии давлатӣ ва интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

Раис Ф. Ҳамрализода

ВАЗОРАТИ АДЛИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ФЕҲРИСТИ БАҲИСОБГИРИИ ДАВЛАТИИ САНАДҲОИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
БА ҚАЙД ГИРИФТА ШУД
Р/Б № 983
«02» 08 с. 2019